*Шарҳи рӯзнома*

# Ба ғаллаи худӣ чӣ расад!

Фасли баҳор дар табиат ҳукмронии худро ба даст гирифт. Ҳама ҷо сабзу хуррам гардидааст. Ба машом бӯи гулҳои мухталиф расида, касро илҳоми тоза ба тоза мебахшад. Деҳқонони меҳнаткаши ҷумҳурият бошад, барои коштани тухми ризқу рӯзӣ тайёрии ҳаматарафа мебинанд, тадбирҳои охирини омодагиро ба кишт ҷомаи амал мепӯшонад. Дар айни замон ғаллакоронамон ба мавсими масъулиятнок— парвариши ғаллазор шурӯъ карданд; ки майсаҳои сабзранги он чашми касро рабуда, аз ҳосили фаровони соли кунун гувоҳӣ медиҳанд.

Аз маълумотҳое, ки мухбирамон аз Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии оби ҷумҳурият гирифтааст, маълум мегардад, ки алҳол дар саросари ҷумҳурият 1 миллиону 386,7 ҳазор гектарро ғаллазор ишғол намудаасту алҳол онҳо ҳам дар заминҳои обёришаванда ва ҳам лалмӣ парвариш карда мешаванд. Деҳқонон аз комёбиҳои соли гузашта, таҷрибаи пешқадам сабақ бардошта, барои боз ҳам беҳтар кардани сифати корҳо, дар муддати кӯтоҳ гузарондани ҳар як тадбири агротехникӣ-обшоркунӣ, озуқонидан ва нигоҳубини майсаҳои ғалла пайваста мекӯшанд ва ин саъю кӯшиш самараи хуби худро мебахшад. Чунки соли гузашта беш аз панҷуним миллион тонна ғалла бардошта шуд, ки дар таърихи ғаллакории Ӯзбекистон бори аввал ба даст омадааст.

Ғаллакоронамон, мутахассисони ба соҳаи мазкур мутасаддӣ алҳол аз паи онанд, ки ҳосили имсола аз порсола кам не, балки бештар шаваду сифати аълои он таъмин гардад. Аз ин рӯ алҳол ба озуқонидани ғаллазор диққату эътибор пурзӯр гардидаасту то ҳоли ҳозир беш аз 890 ҳазор гектар ғалладона бо нуриҳои маъданиву поруи маҳаллӣ озуқонида шудааст, ки нисбати супориш ба беш аз 64 фоиз баробар аст. Ва он нисбати ҳамин давраи соли гузашта ба 31 фоиз зиёдтар мебошад.

Дар бобати озуқонидани ризқу рӯзии асосӣ—гандумзор ҳам натиҷаҳо он қадар бад нестанд. Алҳол 860 ҳазор гектар гандумзор озуқонида шудаасту 77,5 фоизи майдони умумии ғалладонаро ташкил медиҳад.

Суръати обмонӣ ба ғаллазор ҳам нисбати соли гузашта баланд асту алҳол беш аз 40 фоизи майдони умумии ғалладона об дода шудааст. Ҳол он ки нишондиҳанда дар ин бобат соли гузашта дар ин давра ба 18,8 фоиз баробар буд.

Ба мақсади сарфа кардани захираҳои об низ тадбирҳо андешида мешаванд. Аз он ҷумла, шабакаҳои обёрии хоҷагиҳои ширкатӣ ва фермерие, ки аз об истифода мебаранд, гузоштани асбобу ускунаи ченкунии об давом дорад. Масалан, танҳо дар ноҳияи Оҳангарони вилояти Тошканд ҳамин гуна 524 асбоб гузошта шудааст, ки бешак барои сарфаву сариштакорона сарф шудани об мусоидат мекунад.

Баробари ин дар саройҳои мошину трактор, устохонаҳои хоҷагиҳои ширкативу фермерӣ хушсифат омода сохтани техникаи ҳосилғундор, алалхусус комбайнҳо бо суръати баланд давом дорад. Рафти корҳо дар ин бобат нишон медиҳанд, ки техника сари вақт омода гардида, ба дараву ҷамъ овардани ҳосил дар мӯҳлати пешбинигардида шурӯъ мекунанд.

Имсол барои боз ҳам хушсифат гардондани ғалла мубориза авҷ гирифтааст ва он бесабаб нест. Чунки мутахассисони корпоратсияи давлативу саҳҳомии «Ӯздонмаҳсулот» бештар аз бад будани сифати ғалла шикоят мекунанд ва дар анборҳояшон ба миқдори зиёд хобида мондани ордҳои навъи «Ӯзбекистон»-ро ба он вобаста месозанд. Вале айбро танҳо ба гардани ғаллатайёркунандагон бор кардан ҳам аз рӯи инсоф нест. Агар дар корхонаҳои корпоратсияи мазкур ба меъёру қоидаҳои технологӣ қатъан риоя кунанд, дар он сурат бешак ҳаҷми маҳсулоти бадсифат кам гардида, дар анборҳо хоб намерафт. Чунки қонуну қоидаи иқтисоди бозаргонӣ чунин аст: аввал харидор ёфта, баъд маҳсулот тайёр гардад. Агар харидор ёфт шаваду маҳсулот хушсифат нагардад, дар он сурат саравval мизоҷ зарар мебинаду баъд ба вазъи маҳсулотофаранда ҳам назаррас таъсир мерасонаду онро муфлис гардонданаш муқаррар аст. Маълум аст, ки иқтисоди бозаргонӣ муфлисиро ҳеҷ гоҳ намепазирад. Агар дар корхонаҳои корпоратсия танҳо аз паи миқдор нашуда, аз хусуси сифат ҳам бештар фикр кунанд, дар он сурат олам гулистон мешавад. Чунки як даст бесадо буданаш ба ҳаматон маълум аст. Пас ҳамин тавр бошад, сифатро ба мадди аввал гузошта, харидору мизоҷро пеши назар гузошта, ғалла рӯёндан, маҳсулот офаридан вазифаи умдаи имрӯза ба ҳисоб меравад.

# Бори каҷ ба манзил намерасад

***Имрӯзҳо воситаҳои ахбори оммавии ҷумҳурият дар бораи воридоти ғайриқонунии молҳои истеъмолӣ ба ҳудуди мамлакатамон хабар медиҳанд.***

***Мо низ бо ҷонишини сардори раёсати гумруки вилояти Бухоро, капитани хизмати гумрук Сайфиддин Алламуродов, мудири шуъбаи пурсиши ҳамин раёсат, майори хизмати гумрукӣ Оқилҷон Азимов ва дигарон вохӯрда, аз онҳо хоҳиш намудем, ки дар бораи татбиқи қарорҳои ҳукумат вобаста бо ин масъала, умуман вазъи корҳо дар ин бобат дар вилояти Бухоро маълумот диҳанд. Ҷавоби онҳо чунин буд:***

— Ба мақсади ба амал татбиқ намудани як қатор қарорҳои Девони Вазирони ҷумҳурият раёсати гумруки вилоят чораю тадбирҳои муҳим меандешад. Баробари ташкил намудани гурӯҳҳои корию таъҷилӣ бо раёсати давлатии андози вилоят, департаменти мубориза бар зидди ҷиноятҳо оиди андози назди прокуратураи вилоят, раёсати молияи вилоят ва ғайра ҳамкорӣ мекунад.

Дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят моҳияти қарорҳои ҳукумат бо роҳу усулҳои гуногун, аз ҷумла ба воситаи радио тарғибу ташвиқ карда мешавад. Ба ғайр аз ин дар 14 бозори калони вилоят, аз ҷумла дар бозори болопӯшидаи «Дилкушо» - и шаҳри Бухоро, бозорҳои ноҳияҳои Ғиҷдувон, Когон, Қарокӯл, шӯъбаҳои пардохт, ташкил намудани назорати гумрукии раёсати гумруки вилоят, назоратгоҳҳои гумрукии ТИФ «Бухоро - 2» - рақами 6, рақами 8 - «Ғиҷдувон», рақами 3 - и Қарокӯл қарорҳои Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон баробари тарғибу ташвиқ гардидан ин ҷо баҳри эзоҳи моҳияти ҳуҷҷатҳои давлатӣ хонаҳои маслиҳатдиҳӣ низ амал мекунанд.

Баъди эътибор пайдо намудани қарори №154 - уми Девони Вазирон то охири соли 2002 ба воситаи назоратгоҳҳои гумрукии вилоят ба ҳудуди ҷумҳурият аз тарафи тадбиргарони фардие, ки мақоми шахси ҳуқуқӣ нагирифта, ҳуқуқи савдои яклухту чакана ва амалиёти воридоту содирот доранд, ҷамъ 585 гурӯҳ молҳо ба расмият дароварда шуда, ба андозаи 920761591 сӯм андози гумрукии онҳо ба ҳисоби буҷаи давлат гузаронда шуд.

Бо мақсади ба амал татбиқ намудани қарорҳои дахлдори Девони Вазирон кормандони гурӯҳҳои тезкори раёсатамон якҷоя бо ходимони раёсатҳои корҳои дохилии вилоят, хизмати бехатарии миллӣ, департаменти мубориза бар зидди ҷиноятҳо вобаста ба андози назди прокуратураи вилоят фаъолият нишон медиҳанд. Онҳо дар бозорҳо, роҳҳои назди сарҳад, истгоҳи роҳи оҳани «Хӯҷадавлат» молҳои воридотиро аз назар гузаронида ҳуҷҷату сертификати дахлдорро талаб менамоянд. Дар натиҷа аз 1 июн то охири соли гузашта 474 - то қонуншиканӣ ошкор гардид ва ба андозаи 120289400 сӯм мол нигоҳ дошта шуд. Ба 435 ҳолати он чораи маъмурӣ дида шуда, ба андозаи 43755300 сӯмина молу ашё ба ҳисоби давлат мусодира гардид. Нисбати 37 ҳолат парвандаи ҷиноятӣ кушода шуда, ба андозаи 76400100 сӯмина мол гирифта шуд. Аз қонуншиканон ба миқдори 9152000 сӯмина ҷарима ситониданд. Аз 47136600 сӯмина моли мусодирагардида 14964518 сӯм ба ҳисоби буҷаи давлат гузашт. 15 ҳолате, ки ба андозаи 24043000 сӯм қимат дорад, барои чорабинӣ ба дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ҳавола гардид.

13 августи соли 2002 дар назоратгоҳи «Сарой» - и Қарокӯл якҷоя бо идораҳои дахлдор тадбир гузаронда шуд. Дар натиҷа ба андозаи 4726200 сӯмина моли ғайриқонунӣ овардашуда (маҳсулоти Россия: 1020 чойник, 2044 килограмм мех) ошкор гардид ва ҳуҷҷатҳо тайёр карда шуда он ба ҳисоби инспексияи андози ноҳияи Қарокӯл ҳавола гардид.

Дар истгоҳи роҳи оҳани «Хӯҷадавлат» № 10 кормандонамон аз поезди боркашони «Туркманобод — Бухоро» шаҳрванди Туркманистон Оғулҷамол Тораеваро бо молҳои зерини ғайриқонунӣ ( аз назорати гумрук пинҳонкардашуда) ба андозаи 3601697 сӯм нигоҳ доштанд: 2370 пачка маҳсулоти тамоку, ки маркаи аксизии Ӯзбекистон надорад, дар 63 қуттӣ 1380 қуттӣ сақич, дар 51 қуттӣ 612 пачка конфетҳои «Шаҳбоз», дар 100 қуттӣ ҷамъ 1000 бандча конфети «Ирис».

— Мувофиқи қарори №154 Девони Вазирон дар назоратгоҳҳои гумрукии вилоятамон аз 1 июни соли гузашта то 19 январи соли ҷорӣ ба андозаи 122687000 сӯм молҳои истеъмоли халқ, ки бо роҳи ғайриқонунӣ аз ҳудуди давлатҳои ИДМ ба мамлактамон ворид гардидаанд, нигоҳ дошта шуданд ва онҳо ба ҳисоби давлат мусодира гардиданд. Инчунин 514 қонуншикании шаҳрвандон муайян гардида нисбати 33 нафар павандаи ҷиноятӣ кушода шуд, ҳуҷҷатҳои 5 нафари дигар барои чорабинӣ ба идораҳои дигари ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод гардид. 473 нафар шаҳрванд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуд, - мегӯяд муфаттиши раёсати гумрук О. Азимов. — Ҳамон молҳое, ки бидуни пардохти андозу гумрук, яъне аз назорати гумруку андоз пинҳондошташуда бе тамғаи аксизии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ворид гардидаанд, асосан маҳсулоти тамокую машруботи спиртдор, пиво, таҷҳизоти аудио, видео, асбобҳои хоҷагии хориҷӣ, телефон, чойник, воситаҳои гармкунӣ, газвор ва ғайра мебошанд, - идома медиҳад ӯ.

— Аз сабаби бесифат буданаш маҳсулоти воридоти ду нафар ба андозаи 340 ҳазор сӯм, аниқтараш май ва спирт нобуд гардонда шуд.

Мутаассифона шахсоне ҳастанд, ки аз ҷазои маъмурӣ хулоса набароварда, ҳаракати ғайриқонунии худро ҳамоно идома медиҳанд. Нисбати онҳо парвандаи ҷиноятӣ кушода мешавад.

Масалан, аз шаҳрванди самарқандӣ А. ( ҳоло тафтиш идома дорад) моҳи ноябри соли 2002 барои ҳаракати ғайриқонуниаш ба андозаи 19000 сӯм ҷарима ситонда шуда буд. Вале вай хулосаи даркорӣ набаровард. Вай 19 январи соли ҷорӣ бо 480 ҳазор сӯмина молҳои аудио - видео ғайриқонунӣ ба даст афтод. Чӣ илоҷ. Худкардаро даво нест. Нисбати ӯ мувофиқи моддаҳои 188 — 189-уми Кодекси ҷиноии Ӯзбекистон парвандаи ҷиноятӣ боз гардид.

**— Ҳоло аз хусуси қочоқи мол бисёр ҳарф мезананд, дар ин бора қисман маълумот медодед.**

— Қочоқи мол дар моддаи 246 -уми «Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» чунин талқин ёфтааст: «Назорати гумрукиро чапғалат ё ки пинҳон карда гузарондани моддаҳои таъсирашон қавии захрнок, радиактив, тарканда, таҷҳизоти тарканда, воситаҳои яроқу аслиҳа, тиру туфанг, нашъамандӣ, маводҳои тарғибкунандаи экстремизми динӣ ва ақидапарастӣ».

Баъзе далелҳои қочоқи мол дар ҳудудҳои сарҳадҳои мо низ бо усулҳои пиёда, савора ҷой дорад.

Мо ҳоло мувофиқи қарори 427 - уми Девони Вазирон ва дигар ҳуҷҷатҳои дар амал буда чораю тадбирҳо андешида баҳри воридоти қонунии молу ашёҳо ва муқобили ҳар гуна ҳаракатҳои зидди қонун мубориза мебарем.

Зеро гуфтори мардум «Бори каҷ ба манзил намерасад» бе ҳикмат нест.

**А.АВЕЗОВ.**

# Ҷиноят бе ҷазо намемонад

Дар рафти ба рӯи об баровардани амалиётҳои мубориза ба муқобили ҷинояткории алоқаманди мансабдорӣ ва ришватхӯрӣ тадбирҳо оид ба таъмини ногузир будани ҷазо нисбати шахсони мансабдори мақомоти давлативу хифзи қонуну тартибот андешида мешаванд.

Масалан, сарвари корхонаи фаръии унитарии иттиҳодияи «Сурхондарёнефтмаҳсулот» Р.Бегалиев ҳангоми гирифтани ришват ба андозаи 1500 доллари ИМА аз оператори калони шӯъбаи ҷарқӯрғонии корхона Ю.Фармонов барои дар мансабаш нигоҳ доштани ӯ аз тарафи кормандони раёсати УАМ ва прокуратураи вилояти Сурхондарё дастгир гардид.

Суд барои Р.Бегалиевро аз озодӣ ба мӯҳлати 13 сол маҳрум кардан ҳукм баровард.

Мудири шӯъбаи учтеппагии раёсати вилоятии Ҷиззах «Тадбиркорбанк» Ф.Исроилов ҳангоми гирифтани ришват ба андозаи 1 миллион сӯм аз шаҳрванд У.Бозоров барои додани воми навбатӣ ба ӯ ба андозаи 5 миллион сӯм аз тарафи кормандони УАМ ва прокуратураи вилояти Ҷиззах ба даст афтонда шуд. Ф.Исроилов ба мӯҳлати 13 сол аз озодӣ маҳрум гардид.

Инспектори инспексияи давлатии андози ноҳияи Олтинкӯли вилояти Андиҷон З.Хоринов ҳангоми гирифтани ришват ба андозаи 100 доллари ИМА аз тадбиргар Р.Эргашева барои аз андоз озод карданаш аз тарафи кормандони прокуратура ва раёсати умури дохилаи вилояти Андиҷон дастгир шуд. Суд З.Хориновро ба муддати 7 сол аз озодӣ маҳрум намуд.

**Маркази матбуоти Прокуратураи Генералии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**

# Идатон муборак, бонувони азиз!

## Азизу муқаддас аст, бонувон



Имрӯз иди байналхалқии Бонувон—8 март мебошад. Ва он чиз, ки иди мазкур маҳз ба фасли баҳор, вақте ки табиат наву ҷавон мегардад, бедор мешавад, рост омаданаш, ба пиндори ҳар як кас маънои ба худ хоси амиқеро молик мебошад.

Моҳияти он дар ҳамин зоҳир мегардад, ки бонувон—ин мӯъҷизаи табиат буда, бо зебоғӣ, ҳусну малоҳат, меҳру оқибат ва саховати хеш ба ҳаётамон файзу барака мебахшанд, ки бешак он ба фасли нотакрори баҳор хеле хосу мос асту мо аз он олам-олам ғӯшт мегирему шодмонӣ менамоем.

Оре, бонувон сарчашмаи хушкнашавандаи ҳаёт буда, бидуни онҳо боғи зиндагонии шахси дилхоҳ, ҳар кадом оила таровате надораду маҳз бо ғайрату кӯшиш ва меҳру муҳаббати бепоёни ин олиҳаи ҳусни хирад чароғи хонаамон мудом фурӯзон асту мо мардону фарзандон ва дигарон, аз таъзим, ифтихор намудан аз қисмати беҳтарини инсоният, ҷинси латифу зебо, нафосати ӯ, доноғӣ ва соҳибистеъдодиаш монда намешавем. Боз як сабаби эҳтирому қадркунии волои бонувон, ки нигаҳбони оташи хонадонамонанд, рамзи абадан идома ёфтани ҳаёт мебошанд, ҳамин аст, ки ба дили инсон ҳисси некиву накӯкорӣ маҳз бо шири модар, аллаи модар ҷойгир мешавад. Ба туфайли меҳру муҳаббат ва тарбияи модар инсон ҳамчун шахсият ба камол мерасад, ки Ватан ва халқи худро садоқатмандона дӯст медорад. Дар айни замон бонувон-модарон, модаркалонҳо, хоҳаронамон таҷассумгари муҳаббат, накӯхоҳӣ, шафқат, сарчашмаи илҳомбахшанд. Маҳз бо дили гарми бонувон хонадони мо мудом мунаввар аст. Бо рафтори некбинонаву дурандешонаи худ бонувон ба зиндагӣ нуру сафо ва гармӣ ато мекунанд. Ва он қонуни азалӣ ва тағйирнопазири табиат буда, онро ягон кас инкор карда наметавонад.

Мо сидқидилона меxоҳем, ки шумоёнро хушбахт, зебо ва зиндадил бубинем, мабод, ки ҳаёти шуморо чизе тира созад, дилҳоятонро аз афсӯсу надомат пур гардонад. Вазифаи ҷамъияти мо, давлати мо аз он иборат аст, ки зиндагонии шумоёнро сабук гардонанд, онро шоистаи шумо, шоистаи беҳбудӣ ва хушбахтиатон созанд.

Бигузор, дар хонадони шумоён пайваста сулҳу амонӣ бошад, муттафиқӣ ва сериву пурӣ аз шумо дурӣ наҷӯянд!

Бигузор, дари хонадони шумоён барои хушбахтӣ, накӯӣ ва фаровонӣ ҳамеша боз бошад. Бигузор дилҳои шумоён аз муҳаббат ва самимияти наздикон ва шахсони бароятон азиз гарм бошад. Бигузор, тамоми орзуву омоли некатон ҷомаи амал пӯшанд. Бигузор, Парвардигор шумоёнро дар паноҳи худ мудом нигоҳ дорад. Чунки шумоён ба ҳамагон, чӣ ҷамъияту давлат азизу муқаддас мебошед.

Ҳамеша хушбахт бошед, бонувони азизи мо! Ба шумоён сиҳҳатмандӣ ва умри дарозро орзу мекунем.

**Аҳли қалами «Овози тоҷик».**

***

**(Маводҳоро бахшида ба Рӯзи байналхалқии бонувон дар саҳифаи сеюм мутолиа намоед).**

# «Зан ба дипломатия назокат мебахшад»



***Иди бонувон—8 Март дар ҳар мамлакат вобаста ба дараҷаи тараққиёти шуури ҷамъият аҳамият касб менамояд. Дар мамлакати урупоии мутараққии Фаронса, ки дар ҷаҳони мутамаддин онро чун эъзозкунандаи ҷинси латиф мешиносанд, ин таҳаввулот бино ба суханони мусоҳиби мо, мушовири аввали сафорати Фаронса дар Ӯзбекистон хонум Эдит Новак чандон барвақт наомада, таърихи он ҳамагӣ 20-30 солро ташкил менамудааст.***

**—Ҳоло ки мо дар арафаи иди бонувон—8 Март сӯҳбат менамоем, эҳтимол дар Фаронса ҳам ба ин ҷашн омодагӣ ҳаст ва он дар чӣ фазову чӣ мӯҳтаво гиромӣ дошта мешавад ва он чӣ таҳаввулоте доштааст?**

—Ҷашни 8 Март дар Фаронса нисбатан иди нав аст ва он аз солҳои 80-уми қарни бистум ҳангоми ҳукуматдории Франсуа Миттеран маълум гардид. Ва аслан муборизаи занон барои ҳуқуқҳои шаҳрвандии худ аз солҳои 70-уми асри XX оғоз ёфт. Хусусан пас аз инқилоби соли 1789, ки он замон ҳуқуқҳои умумии ҷамъият, на дар алоҳидагии марду зан, дар маркази диққат қарор дошт ва бо мурури вақт барои занон ҳам зарурат пеш омад, ки аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии худ дифоъ намоянд. Гузашта аз ин дар асри XIX дар Фаронса, ки ҳанӯз таъсири омилҳои мазҳабии католикӣ ҳуқуқи ҷинси латифро то андозае маҳдуд месохт, дар тафовут аз кишварҳои протестантии мисли Амрико ва Инглистон хонумони фаронсавӣ аълаб аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ бархурдор набуданд. Бо вуҷуди он ки мамлакати мо як кишвари урупоии мутамаддин аст, таъсири мазҳабиро ба ҳуқуқҳои бонувон набояд инкор кард. Ва ҳамин омилҳо буд, ки иди занон бо тамоми мафҳуми он то ба Фаронса дер омад.

Бояд бигӯям, ки 8 Март дар кишвари мо рӯзи корӣ аст, ҳатто барои соҳибҷашнҳо. Аммо ба ин муносибат дар мамлакат анҷуману гирдиҳамоиҳои гуногун ба амал меоянд, ки он ҳама гирди мавзӯи зан баҳс менамояд. Албатта ин анҷуману семинарҳо асосан ба ихтироъву кушоишҳои занон дар илму технологияҳои замонавӣ ва воло бахшида шуда, хусусан насли ҷавонро ба роҳи илму азхуднамоии донишҳои муосиру қадим ҳидоят менамоянд. Ин анҷуману сӯҳбатҳоро иттифоқҳои касаба, ҳукумат ва ё фаъолони ҷамъият созмон медиҳанд.

Зикр намудан мехоҳам, ки воқиан муборизаҳо барои ҳуқуқҳои шаҳрвандии занон аз ҷунбишҳои донишҷӯён соли 1968 оғоз ёфта буд. Он ба солҳои аввали ҳукуматдории Ҷискар Дистенд рост омад, ки худи президенти тозаинтихобшуда ҳам бештар ба синни ҷавонон наздик буд. Ва аввалин вазир-зан дар таърихи навини мамлакат дар давраи ҳукуматдории ӯ таъин гардид. Ӯ ҳам вазири ҳуқуқ буд, ки исмаш Франсуа Жиру ва касбаш журналистӣ. Мутаассифона ҳамин чанд ҳафта қабл ӯ ин дунёро падруд гуфт.

То соли 1975 барои занони Фаронса сукути кӯдаки батн ва истифода аз василаҳои зидди ҳомила низ манъ буд ва дар он сол ин иҷозат барояшон дода шуд, ки қабл аз он барои сукути фарзанди батн онҳо водор мешуданд, ки ба хориҷи кишвар раванд. Ва паси ҳам қонунҳои дигар барои ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоии занон қабул гардиданд. Ин қонунҳо занони фаронсавиро аз таҷовузи ҷинсӣ ва никоҳӣ ҳимоя мекард. Соли 1975 дар Порис чунин марказ ба кор шурӯъ кард, ки занони ба таъқиб ва зӯроварии ҷинсӣ дучоршударо дар худ ҷой медод. Соли 1992 ҳатто қонуне қабул шуд, ки тамаъи шаҳвониро аз зердастон барои роҳбар-мард манъ мекард.

Аксаран ҳуқуқи бонувон дар хонавода ва дар заминаҳои маишии он поймол карда мешавад. Аз ин боис қонунҳои давлатӣ пайдо шуданд, ки онҳо яккаҳокимиятии мардро дар оила бекор кард, хоҷагидориву хонадориву тарбияи фарзандро барои зану шавҳар ихтиёрӣ вогузошт. Аз соли 1975 барои зану шавҳар иҷозат дода шуд, ки ҳарду тараф ҳуқуқи талоқро дошта бошанд.

Дар ҳаёти сиёсии Фаронса бори аввал соли 1944 иҷозат дода шуд, ки зан интихоб намояд ва интихоб шавад. Аммо аз ҷумлаи онҳо хеле кам интихоб мешуданд, зеро ки ҳаёти сиёсӣ дар атрофи ҳизбҳои сиёсӣ мечархид ва аз ин занҳо аҳёнан дар ҷанбаи сиёсӣ даст доштанд. Аз ин боис қонуне рӯи кор омад, ки барои интихобот аз ҳизбҳо номзадҳо аз марду зан 50 фоизӣ пешбарӣ шаванд. Аммо то ҳол аз ҷумлаи занҳо кам интихоб мешаванд. Ҳоло дар палатаи поёни порлумони мамлакат 12 фоиз ва палатаи боло ҳамагӣ 7 фоизро ҷинси латиф ташкил менамояд. Ҳамин тариқ дар музофотҳо ҳам дар идораҳои давлативу ғайридавлатӣ аз ҷумлаи занон роҳбарон хеле каманд.

**—Чандест, ки дар соҳаи дипломатия кор мекунед ва барои Шумо, чун зан, гунҷоиши вазифаи дипломатӣ ва масъулияти хонадорӣ чӣ гуна даст медиҳад?**

—Албатта дипломатзанон аз ҷумлаи ҳамватанони ман нисбатан каманд, вале рӯ ба афзоишанд. Зане, ки дар Фаронса кори дипломатиро хоста бошад, бояд хеле зиёд кор кунад, то ки ба ин рутба бирасад. Ӯ ҳам бояд заҳмат кашад ва ҳам ҳар дафъа собит карда тавонад, ки воқиан ба ин кор қодир аст. Фикр мекунам занон ба дипломатия назокат ва ҳассосиятро бештар шомил месозанд.

Фаразан, ҳар ҳафта, ки ман дар Тошканд ба бозор меравам, бароям бештар даст медиҳад, ки бо одамони гуногун бархурд намоям ва бардошти иҷтимоии ман аз ин ҷамъият афзояд. Ин корро, ки дипломатмардҳо тақрибан анҷом намедиҳанд.

**—Аз ҳамҷинсони ӯзбекистонии худ дар ин муддате, ки дар ин ҷо ҳастед, чӣ бардоште кардед?**

—Таи якуним соле, ки дар Ӯзбекистон ҳастам, шоҳиди он гардидам, ки занон дар ин диёр хеле заҳматкашу илмҷӯ ва масъулиятноканд. Эҳсос мегардад, ки назар ба сохти пешин анъанаҳои суннатӣ бар онҳо тасаллут пайдо кардааст. Ҳамин суннату таомули урфӣ мамониат мегардад, ки онҳо ба пуррагӣ қудрати худро зоҳир бикунанд. Ба назар чунин мерасад, ки онҳо танҳо масъулияти модарӣ доранд халос. Баъд дигар ин ки тафовут байни шароити иҷтимоӣ ва маишии занони пойтахт ва музофот зиёд ба назар мерасад.

Маълум аст, ки ҳукумати ҷумҳурӣ барои ба нақша даровардани оила ва синни болиғи издивоҷ тадбирҳо меандешад, аммо маҳз он анъанаҳои миллӣ ва мазҳабӣ татбиқи онҳоро заиф мегардонад.

**—Дар ин ҷашнашон ба хонандагони «Овози тоҷик» чӣ таманно ва дархостҳо доред?**

—Аз онҳо даъват менамоям, ки сарнавиштсози худ бошанд. Ба насли навони бонувон муроҷиат менамоям, ки таҳсил кунанд ва барои худ касби мувофиқ интихоб намоянд, ки касби муфид доштану модар будан бо ҳам хеле мехонад. Ба он суннатҳои миллӣ, ки хона ва оиларо дӯст доранд, содиқ монанд. Ҷашни онҳо бояд бо мардҳо бошад, ки дар танҳоӣ равнақёбӣ нест.

**Мусоҳиб Т.ИКРОМОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**



**Гулдастаҳо ба бонувон.**
**Акси манзаравии Т.МАҲКАМОВ.**

# ...Аз барги гул умеди неши хор набояд дошт

## (Ҳазрати Алӣ дар ситоиши зан)

*Ин дуруст аст, ки занро сафоройӣ ва майдондорӣ зебанда нест, вале занон низ дар дунёи худ метавонанд ҷиҳод кунанд. Ҷиҳоди зан муҷоҳидати вай дар танзими корҳои хонавода ва қиёми вай ба ободии хона аст.*

*Он бону, ки шавҳари хешро неку нигоҳ бидорад, дар роҳи худованди хеш ҳамчун муҷоҳидини ҳақ ҷиҳод мекунад.*

*Бар зану фарзандони хеш сахт магиред, зеро забони бадгӯён дар ҳаққи шумо дароз шавад.*

*Ҳамеша чунон бош, ки ҳамсари ту чун ту касеро дӯст надошта бошад. Зеро ин муҳаббат мутмаинтарин қоимаи исмату тақвои занон аст. Зане, ки шавҳари худро дӯст бидорад бад-ӯ хиёнат нахоҳад кард.*

*Занонро аз гашту гузор манъ макунед. Вале мардонеро, ки ба хонаи худ роҳ медиҳед, эҳтиёт кунед, ки амину парҳезкору наҷиб бошанд, зеро ончунон ки зан дар хонаи хеш фиреб мехӯрад аз мардуми кӯчаву бозор фиреб нахоҳад хӯрд.*

*Бонувонро раҳо магузоред, ки аз ҳудуди вазифаҳои худ таҷовуз кунанду кори мардон ба пеш гиранд, зеро ҷинси зан ҳамчун гулҳои баҳорӣ шодобу зариф аст аз барги гул умеди неши хор набояд дошт.*

*Ба ҳуш бошеду занро бе аз он андозае, ки шоистаи шахсияти ӯст маситоед, чун ноғаҳон аз фурсат истифода кунаду бар мағзу қалби шумо ҳукмронӣ ёбад.*

*Беҳуда дар ҳаққи ҳамхобаи худ бадбин мабошеду ин бадбинии бедалелро ба рухи вай макашед ва вақоҳати кирдори зиштро дар пеши чашмаш кӯчак магиред.*

*Чун нигоҳи шаҳвати шумо ба сӯи зани бегона пар кашад, бо ҳамсари худ хилват кунед ва туғёни ғаризаи худро дар оғӯши маҳрами худ ором созед, зеро зан ба ҳар сурат, ки ҷилва кунад зан аст ва барои ирзои мард кофист.*

*Он рӯзгор, ки мо сарбоз будем, занони бутпараст моро бо шанеътарин лаҳне дашном медоданд, вале Расули акрам дастур фармуд, ки он ҳама ваҳоҳатро бо хунсардӣ пазирем ва аз ҳурмати занон накоҳем.*

**Таҳияи Х.ӮРОЛЗОДА.**

# Бахшида ба бонувон

Дар Қасри санъати ба номи Алишери Навоии пойтахт шоу-консерти театрикунондашуда бахшида ба 8 март—Рӯзи байналхалқии занону духтарон ба амал омад. Таъсисгарони он ҳокимияти шаҳри Тошканд, кенгаши шаҳрии Ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот» якҷоя бо шӯъбаи «Тошкентнаво»-и Иттиҳодияи эстрадии «Ӯзбекнаво» ва як қатор дигар ташкилотҳо буданд.

Дар тадбир ҷонишини Нахуставазир, раиси Кумитаи занони ҷумҳурият Дилбар Ғуломова ва дигарон суханронӣ карда, зикр намуданд, ки аз рӯзҳои аввали истиқлолият масъалаи минбаъда баланд бардоштани мақоми бонувон дар ҷамъият, ҳаматарафа ҷонибдорӣ кардани онҳо, ҳифзи манфиатҳои оила, модарон ва кӯдакон яке аз самти устувори сиёсати давлатӣ дар мамлакатамон гардидааст. Бисёр барномаҳои давлатӣ, қарорҳои ҳукуматие, ки дар ҷумҳурият оид ба ҳифзи тандурустии бонувон ва авлоди наврас қабул мегарданд, дар ҳаёт татбиқ гардида, натиҷаҳои воқеии худро мебахшанд. Соли кунун, ки бо ташаббуси Президентамон «Соли маҳаллаи обод» эълон гардидааст, миқёси ин корҳо боз ҳам доманадор мегардад. Чунки дар бобати рушди минбаъдаи маҳалла бонувон нақши муҳимро мебозанд.

Дар барномаи калони консертӣ ҳунарварони номдор ва иҷрогарони ҷавон иштирок намуданд.

**(ӮзА).**

